*Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-063 назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон (734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Борбад, 48/5)*

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Зоҳидов Камолиддин Сулаймонович дар мавзуи "Мукаммалгардонии фаъолияти маркетингӣ дар шароити муосир (дар мисоли соҳибкории экологӣ) барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси 6D051100 – Маркетинг (6D051101 – Маркетинг) пешниҳод шудааст.**

Диссертатсияи Зоҳидов Камолиддин Сулаймонович ба масъалаи муҳимми иқтисоди муосир – такмили фаъолияти маркетингӣ дар заминаи рушди соҳибкории экологӣ бахшида шудааст, ки имрӯз аҳамияти афзоянда пайдо мекунад. Дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодиёт ва афзоиши нигарониҳо нисбат ба масоили экологӣ, зарурати таҳия ва татбиқи механизмҳои муассири маркетингӣ, ки ба талаботи рушди устувор мутобиқ бошанд, беш аз пеш эҳсос мегардад.

Муаллиф дар асари худ кӯшиши илмии сазовореро ба харҷ додааст, то бо истифода аз усулҳои муосири таҳлил, такя ба заминаи назариявӣ ва омӯзиши таҷрибаи амалии корхонаҳо дар соҳаи соҳибкории экологӣ, роҳҳои муассири такмил ва мукаммалгардонии фаъолияти маркетингиро муайян намояд. Мавзуъ, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқ бо равшанӣ баён гардида, методологияи тадқиқот ҷавобгӯи талаботи илмии замони муосир мебошад.

Муаллиф бо такя ба методҳои илмии таҳлил – аз ҷумла, таҳлили муқоисавӣ, таҳлили системавӣ, усули таҳлили SWOT ва усулҳои иқтисодӣ-иқтисодсанҷӣ - ба хулосаҳо ва тавсияҳои илмӣ-амалӣ расидааст, ки метавонанд дар фаъолияти амалӣ, сиёсатгузорӣ ва таҳия намудани барномаҳои рушдии маркетингии экологӣ татбиқ шаванд.

Натиҷаҳои диссертатсия метавонанд дар таҳияи стратегияҳои маркетингӣ, системаи идоракунӣ ва ҳавасмандсозии субъектҳои соҳибкории экологӣ истифода шаванд. Хусусан, аҳамияти амалии таҳқиқот дар заминаи гузариш ба иқтисоди сабз ва баланд бардоштани маърифати экологӣ дар ҷомеа қобили зикр аст.

Автореферат мутобиқ ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, муҳтавои асосии диссертатсияро ба таври равшан ва мухтасар инъикос менамояд. Сарсухан, қисматҳои таҳлили назариявӣ, методологӣ, натиҷаҳои илмӣ ва тавсияҳои амалӣ пайдарпай ва мантиқӣ тартиб дода шудаанд.

Ҳарчанд ки муҳтавои кори илмӣ қонеъкунанда аст, бо вуҷуди ин, ҷиҳатҳои зерин метавонанд ҳамчун камбудии шартӣ зикр шаванд:

- меъёрҳои арзёбии таъсири иҷтимоӣ ва экологӣ ба фаъолияти маркетингӣ метавонистанд бо таҳлили муфассалтар ва бо маълумоти бештар ғанӣ гарданд;
- дар баъзе ҳолатҳо, имконияти муаррифии натиҷаҳо бо васила ҳои графикӣ (диаграммаҳо, ҷадвалҳои муфассал) кам истифода шудааст.

Бо вуҷуди ин, камбудиҳои зикршуда хусусияти умумии илмии кори диссертатсионӣ ва муҳтавои автореферәтро халалдор намесозанд.

Автореферати диссертатсияи Зоҳидов Камолиддин Сулаймонович ба талаботи муқаррарнамудаи КОА барои рисолаҳои илмии дараҷаи доктори фалсафа (PhD) пурра мутобиқ мебошад. Диссертатсия дорои арзиши баланди илмӣ ва амалӣ буда, муҳаққиқ дар он салоҳияти илмии худро ба таври возеҳ нишон додааст. Дар асоси гуфтаҳои боло, муаллиф сазовори гирифтани дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯи ихтисоси 6D051100 – Маркетинг (6D051101 – Маркетинг) мебошад.

**Тақриздиҳанда**
**номзади илми иқтисодӣ, мудири кафедраи менеҷмент ва маркетинги Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ** **Раҳматзода У.Р.**

**Имзои, номзади илми иқтисодӣ, муаллими калони кафедраи молия ва қарз Раҳматзода У.Р-ро тасдиқ менамоям.**

**Сардори РК КМ-и Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ** **Давлатов М.А.**

25.07.25

**Суроға:735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**ш. Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров 16, Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ**
**Тел: (992) 918737466**
**E-mail : umed1982@list.ru**